ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Мадизода Умеда Муҳаббат дар мавзуи «Татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ). – Душанбе, 2025. – 178 с.

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Таҳқиқи таҳаввули татаббуъ дар шеъри форсии тоҷикии садаи ёздаҳу дувоздаҳ ва шинохти нақш ва ҷойгоҳи шоирони татаббуъсаро дар инкишофи он таъйинкунандаи равишҳо ва ҳудуди робитаҳои судманди дарунии адабӣ ва таъсирпазирии эҷодкорона буда, пеш аз ҳама, шароит ва тарзи истифодаи як шоирро аз таҷрибаи шеърии шоири дигар бозгӯ менамояд.

Аз ин рӯ, дар мавзуи «Татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ» таҳқиқот анҷом додани Мадизода Умеда Муҳаббат сазовори таҳсин ва тамҷид мебошад. Диссертатсия бо риояи меъёрҳои методологӣ ва услубии таҳқиқоти илмӣ таҳия гардида, ба талаботи шиносномаи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мувофиқат дорад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Диссертатсияи мавриди гуфтугӯ нахустин кӯшиши ҳамаҷонибаи таҳқиқи татаббуот, бахусус, дар осори шоирони асрҳои XI-XII ва асрҳои миёна, яъне дар замони ташаккул ва таҳаввул пайдо кардани жанрҳои ғазалу қасида дар шеъри форсии тоҷикӣ буда, барои адабиётшиносии тоҷик хеле муҳим мебошад.

Баррасии мутолиаи рисолаи мазкур нишон медиҳад, ки диссертант барои ба даст овардани натиҷаҳои назаррас ба манбаъҳои боэътимод, корҳои муҳаққиқони маъруфи адабиётшиносӣ ва бамеъёрҳои ҷорӣ дар адабиётшиносӣ такя кардааст. Ҳар як хулосаи муаллифи рисола бо истинодҳои дақиқ ва далелҳои мустаҳкам тасдиқ мегардад. Илова бар ин, мутаносиб будани ҳаҷм ва мундариҷаи диссертатсия бо ҳадафҳои илмӣ, фаровонии маводи нашрӣ ва интихоби дурусти усулҳои таҳлил ба таҳқиқи мазкур пояи устувори эътимод бахшидаанд.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд. Дар диссертасия нахустин бор масъалаи татаббуъ дар шеъри асрҳои ёздаҳу дувоздаҳ ва сайри таҳаввули он ба таври густарда таҳқиқ ва арзёби шудааст. Бори аввал роҷеъ ба марҳалаҳои пайдоиш, ташаккулу таҳаввул, вижагиҳои мавзуӣ, сохтор, услуби баёну воситаҳои тасвири бадеӣ дар

татаббуъ адабиёти классикӣ дар асрҳои ёздаҳу дувоздаҳ таҳқиқоти васеъ анҷом дода шуд.

Дар ҳаллу фасли ин масъала унвонҷӯ худро ба таҳлили тавсифӣ маҳдуд намекунад, балки тафсирҳои илмиашро роҷеъ ба семантикаи забони шеъри татаббуъ ва умқи фалсафии шеъри шоирони асрҳои ёздаҳу дувоздаҳро пешниҳод мекунад. Дар рисола роҷеъ ба ин масъалаи чунин хулоса мекунад, ки татаббуъсаройи дар ҷаҳони порсигуён аз замони қадим ва дар ҳамаи табақоти шоирон роиҷ буда, падидае набудаст, ки онро муқаллидон ба вуҷуд оварда бошанд.

Мадизода Умеда Муҳаббат дар ҷараёни иҷрои таҳқиқоти илмии худ ҳадафу вазифаҳои мушаххасро муайян намуда, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро дар ҳашт банд ба таври возеҳ мураттаб кардааст. Ин нуктаҳо мундариҷаи фаслу бобҳои рисола ва самти асосии таҳқиқ, таърихи ташаккул ва таҳаввули татаббуъ дар шеъри форсии тоҷикии садаҳои XI-XII далели он аст, ки ин падидаи адабии мазкур василаи тақлид ва назирасароии маҳз набуда, балки як навъ имтиҳони ҳунарӣ барои санҷиши маҳорат ва ҷустуҷӯҳои бадеӣ ва таъсирпазирию робитаи эҷодии шоирон низ будааст.

Пешниҳодҳои илмӣ ягон эътирози бунёдӣ ба миён намеоранд ва ба сатҳи таҳқиқоти номзадӣ мувофиқат мекунанд.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта. Асоснокӣ ва эътимоднокии дар диссертатсия ифодаёфта, дар он ифода шудааст, ки мазмуну мундариҷаи диссертатсия ва масъалаҳои дар он дарҷгардида бо низоми муайяни пажуҳишӣ, барои пояи назария ва дастовардҳои илмӣ ҳаллу фасл ёфта, натиҷаҳои бадастдомада аз таҳқиқоти мавзуъ дар маҳфилу чорабиниҳои илмӣ, кофиренсияҳои илмии сатҳи гуногун, мизҳои мудаввар ва монанди инҳо дар шакли гузориш, мақола ва маърузаи илмӣ дар Донишгоҳи давлатии омӯзгориии Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода манзур карда шудааст.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия. Рисола дар се бобу ҳафт фасл, бо муқаддимаву хулоса ва рӯйхати адабиёт ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар 178 саҳифаи чопи компютерӣ пешниҳод гардидааст.

Дар муқаддима муҳиммияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи таҳқиқот бо барномаҳои илмӣ, пас аз он тавсифи умумии таҳқиқот бо фарогирии мақсади таҳқиқот, вазифаҳо, объект, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, саҳми шахсии муаллиф, тасвиб ва амалисозии диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми он баён гардидааст.

Боби якуми диссертатсия «**Ҷойгоҳи татаббуъ дар шеъри форсии тоҷикӣ**» се фаслро дар бар мегирад, ки инъикоси масоили замонро дар бар мегирад. Фасли аввали ин боб «**Маънои луғавӣ ва истилоҳии татаббуъ**» ном дорад, дар он маънои луғавӣ ва истилоҳии татаббуъ таҳқиқ ва тавзеҳ шудааст. Татаббуъро донишмандон яке аз шаклҳои тазоҳури таъсирпазирӣ ва робитаи эҷодии байни ҳамдигарии шоирон маънидод кардаанд. Ин навъи адабӣ дар сарчашмаҳо гоҳо бо истилоҳоти дигаре ҳамчун иқтифо, иқтидо, ҷавобгӯй ва назирагӯй низ ёд шуда, муносибат ва мувофиқати бо намуди иқтифоҳ низ таъкид шудааст.

Боби дуюми диссертатсия- «**Нақши шоирони чудогона дар инкишофи татаббуъ**» номгузорӣ гардида, аз ду фасл таркиб ёфтааст.Дар фасли нахустин роҷеъ ба «Татаббуоти шоирон ба қасоиди Унсурӣ, Фаррухӣ ва Асҷадӣ» баҳс рафтааст. Дар фасли дуюми ин боб дар бораи «Шеъри сармашқ ва равишҳои таъсирпазирӣ аз он» таҳлилу таҳқиқ шудааст. Дар ин фасли диссертатсия унвонҷӯ дар бораи таъсирпазирии як гурӯҳ шоирон, мисли Рашидаддини Ватвот, Ҳаким Саноӣ, Ҳасани Ғазнавӣ, Адиб Собири Тирмизӣ дар ин фасл масъалаи мавриди баррасиро дуруст ва мақсаднок шарҳ ва таҳлил намудааст.

Боби сеюми диссертатсия «**Хусусиятҳои сохтори мундариҷавӣ, бадеӣ ва сабкии татаббуоти шоирон дар асрҳои XI-XII**» ба баррасии илмӣ кашида мешавад. Матлаби аслии онро диссертант чунин муайян намудааст: хусусиятҳои сохтори мундариҷавии татаббуоти дар осори ин шоирон Муиззӣ, Қатрони Табрезӣ, Рашиди Ватвот, Маъсуди Саъди Салмон, Сайид Ҳасани Ғазнавӣ ва Асириддини Ахсикатӣ баррасӣ ва нақд шудааст. Дар охири ҳар боби диссертатсия хулосаи мантиқии маводи илмии таҳлилу баррасишуда ҷамъбаст карда шудааст Хулосаи умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда ба мақсаду вазифаҳое, ки дар рисола тарҳезӣ шудаанд, мувофиқ аст.

Дар бахши хулоса натиҷаҳои бадастовардаи муаллифи рисола ҷамъбаст ва дар 13 банд пешниҳоди аҳли таҳқиқ ва пажуҳиш гардидааст.

Хулоса ва тавсияҳои диссертант, ки бар асоси таҳлилҳои муфассал ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои асосӣ баён шудаанд, ба муайянсозии ҷойгоҳи татаббуъ ва таҳаввули он дар асрҳои XI-XII дар шеъри шоирони ин давра аз қабили Амир Муиззӣ, Рашиди Ватвот, Масъуди Саъди Салмон, Адиб Собири Тирмизӣ, Анварӣ, Қатрон, Саноӣ, Асириддини Ахсикатӣ ва баъзе шоирони дигари ин давра дар ин рисола таҳлилу таҳқиқ шудааст. Муаллиф таърихи эҷоди асарҳои шоирони адабиёти классикии форсу тоҷикро ҳамчунин равандҳои таҳаввули онҳо дар нашрҳои гуногунро ба таври илмӣ асоснок шарҳ додааст.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки натиҷаҳои бадастомада заминаи қобили эътимод барои баррасии минбаъдаи масъалаҳои адабиётшиносии осори адабӣ фароҳам меоранд. Маводди ғании адабиётшиносии гирдомада метавонад барои муҳаққиқони соҳаҳои гуногун, аз ҷумла таърихи адабиёт, робитаҳои адабӣ ва дастурҳои таълимӣ дар факултетҳои филологияи тоҷик ҳамчун манбаи боэътимод ва судманд хизмат кунад.

Ба ин далел, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур метавонад зимни нигориши таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, таърихи пайдоиш ва ташаккулу таҳаввули татаббуъ, таҳия маводи таълимӣ, воситаҳои ёрирасони таълими таърихи адабиёт ва омода кардани китоби дарсӣ аз таърихи адабиёт барои таълимгоҳҳо, ҳангоми хондани курсҳои махсус аз назария ва амалияи татаббуъсароӣ дар факултетҳои филологияи донишгоҳҳои олии мамлакат мавриди истифода қарор гирад.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Диссертант дар асоси маводди диссертатсия 6 мақола нашр кардааст, ки аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардидаанд. Ин нашрияҳо ва дигар интишорот саҳми шахсии диссертантро дар таҳқиқи масъалаҳои асосии рисола ба таври равшан нишон медиҳанд.

Автореферат, мақолаҳои илмӣ ва гузоришҳое, ки диссертант оид ба мавзуи таҳқиқот нашр кардааст, муҳтавои асосии рисоларо фаро гирифта, ҷанбаҳои муҳимми онро инъикос менамоянд. Ҳамчунин, коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия ба меъёрҳо ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мутобиқат мебошанд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия. Диссертатсияи Мадизода Умеда Муҳаббат дар мавзуи «Татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ» дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Муҳассанот ва бартариҳои рисола хеле зиёд буда, дар он нуқсонҳое ҳам ҷой доранд, ки ислоҳи онҳоро барои муаллиф зарур медонем:

1. Асосҳои методологӣ ва методҳои таҳқиқ яке аз қисматҳои асосии ҳар як кори таҳқиқотӣ ба ҳисоб мераванд ва онҳо равиши таҳқикро муайян месозанд.Дар қисмати муқаддимавии диссертатсияи баррасишаванда ин масъала пурра кушода нашудааст. Нақши методҳои зикршуда, агарчи кор мувофиқи онҳо баррасӣ ва таҳлил шуда бошад ҳам, барои бобу зербобҳои кор нишон дода нашудааст.

2. Дар диссертатсия ифодаи номи шоир Амир Муиззӣ ва чанд тан шоири дигар дар чанд маврид ба шаклҳои гуногун омадааст, ки ягона кардани навиштани он барои дақиқӣ ва мутобиқат бо меъёрҳои илмӣ зарур мебошад (саҳ. 110, 114, 115, 116, 117).

3. Дар бархе саҳифаҳои рисола ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва баъзан услубӣ мушоҳида мешаванд (саҳ17, 32, 44, 48, 76, 106, 121, 230 ва ғ) ки ислоҳи онҳо ҳусни корро афзун мегардонад.

4. Дар руйихати адабиёт ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва баъзан услубӣ мушоҳида мешаванд. Чунончи дар рақами 72 Ёсумӣ солаш нест, 149 адабиёт пурра нест, 116 мутобиқат бо меъёрҳои илмӣ зарур мебошад.

5. Чун мавзуи марказии кори диссертатсионӣ ба адабиёти форсии тоҷикӣ тааллуқ дорад ва аксари сарчашмаҳои илмию адабии истифодашуда ба донишмандону адибони ҷаҳон ва Эрон мутааллиқанд, дар баёни андешаҳо ва ҷамъбасти таҳлилҳои унвончӯй таъсири забон ва сабки таҳқиқи ин адабиёт зиёд ба назар мерасад. Шояд ин падида ҷиҳати хуб ҳам дошта бошад, вале зарур аст ба сабки нигориши адабиётшиносии тоҷик тамаркуз карда шавад.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда пурра ислоҳпазир буда, асосан, ҷанбаи тавсиявӣ ва пешниҳодӣ доранд. Ба назар гирифтани онҳо дар раванди таҳия ва нашри монография ба арзиш ва аҳаммияти илмиву амалии таҳқиқот ҳусни бештар хоҳад бахшид. Бо дар назардошти натиҷаҳои бадастомада ва коркарди мукаммали мавод, диссертатсия ҳамчун таҳқиқоти илмии анҷомёфта арзёбӣ мегардад.

Хулоса, диссертатсияи Мадизода Умеда Муҳаббат дар мавзуи «Татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01- Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ:
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ
ва ҳуҷҷатнигории Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Султонмамадова Умеда
Алимамадовна
03.02.2026

Нишонӣ:734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кучаи А. Дониш 32/2, 48
E-mail: umeda84 @bk.ru
Тел.:(-992) 939138484

Имзои У. Султонмамадоваро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти Насурдинзода Аслиддин
Ҷумҳурии Тоҷикистон Насурдин

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кучаи Саид Носир, 33
E-mail: info@apa.tj
Тел.:-992(37)224-17-86
03.02.2026